*“Комсомоли Тоҷикистон”, No 151 (4150),*
*15 декабри 1963, с. 3.*

**КИТОБИЁТ**

## Дилсӯзӣ

Ҳисоби навниҳолони бӯстони адабиёти тоҷик сол то сол меафзояд. Ҳоло хонандагони тоҷик аз чизҳои хурду калон - асарҳои насриву манзуми Қутбӣ Киром ва Мутеулло Наҷмиддинов, Муъмин Қаноат ва Юсуфҷон Акобиров, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва Абдусалом Атобоев, Убайд Раҷаб ва Муҳиддин Хӯҷаев ва чанде дигарон масруру мамнунанд ва аз онон боз чизҳои бештару беҳтар чашмдоранд.

Дадоҷон Раҷабӣ - аз ҷумлаи он ҷавононест, ки ба ин қарибӣ қалам ба даст гирифта, дар майдони адаб оғози машқ кардааст. Хушбахтона, Дадоҷон Раҷабӣ дар ин разми душвор дурри мақсуде ба каф овард ва онро ба шакли китобчаи «Дилсӯзӣ» ба толибони насри бадеӣ пешкаш намуд.

Маҷмӯаи ҳикоёти «Дилсӯзӣ», ки он бо таҳрири ғамхоронаи адиби баркамол ва мураббии як гурӯҳ адибони ҷавон - Раҳим Ҷалил ба миён омадааст, понздаҳ ҳикояти хурду калонро дарбар мегирад.

Шоёни таҳсин, аст, ки Дадоҷон Раҷабӣ аз ҳаёти бачаҳо ва барои бачаҳо менависад. Тамоми «Дилсӯзӣ»-и ӯ ба мактаббачагону хурдсолон бахшида шудааст.

Ғояи нависандаро меҳру муҳаббат ба падару модарон, муаллиму дустон, рафоқату садоқат, кӯшишу ҳаваси хушхонӣ, покахлоқӣ, меҳнатдустӣ, зиндадилӣ ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ ташкил медиҳанд. Муаллиф дар ҳамаи ҳикояҳои худ бо тамоми вуҷудаш ба муқобили дуруғгӯӣ, танбалӣ, гарданшахӣ, ҳавобаландӣ, коргурезӣ, беинтизомӣ ва дигар хислатҳои бади баъзе бачаҳо баромада, зарари чунин кирдорҳои ношоямро бо далелҳои бурро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯаи мазкур ҳикояи «Дилсӯзӣ» мақоми махсусе дорад ва бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки он беҳтарин ҳикояи китобча ба шумор меравад. Дар адабиёти классикӣ ва советии тоҷик ва инчунин дар байни халқ, дар хусуси зулму зиштӣ, бераҳмию бешафқатии модари ӯгай - моиндар ҳикояту ривоятҳои зиёде мавҷуданд. Аммо нависандаи ҷавон Дадоҷон Раҷабӣ ба ҳаёт бо назари дақиқ менигарад ва муҳаббати бепоёни мушфиқонаи Моиндарро нисбат ба фарзанди ӯгай - Неъмат мушоҳида мекунад ва ин ҳодисаро бо меҳри дилсӯзонае ба риштаи наср мекашад.

Дар маҷмуаи мазкур ба ҷуз ҳикояи «Дилсӯзӣ» боз «Ашки модар», «Бачаҳо хандиданд», «Зокир канӣ?», «Танбеҳ» барин ҳикояҳо ҳастанд, ки хеле шавқовару таъсирбахшанд ва аз истеъдоду маҳорати муаллифи худ дарак медиҳанд.

Аз он сабаб, ки Дадоҷон Раҷабӣ ҳанӯз ҷавон аст ва таҷрибаи кофии нависандагӣ надорад, дорои нуқсонхо низ мебошад. Дар маҷмӯа ба мисли «Хурсандии пиразан», «Оқила», «Гапи нағз» ҳикояҳои хому пастсифат ва дур аз бадеият низ ҷой доранд, ки ба хонанда ягон таъсири мусбат ва завқи эстетикӣ намебахшанд.

Нависанда инкишофи мантиқии амалиёти баъзе ҳикояҳои худро дуруст фикр намекунад. Масалан, Толиби папироскашу бадрафтор (аз ҳикояти «Қасос») бо маслиҳат, исрор ва танқиди сардори синфашон Насим, ҳамсинфонаш ва муаллим заррае ислоҳ нашуд, вале бо як «панди» Гавҳар «бачаи хуб» шуду аз кирдораш даст кашид.

Забони ҳикоятҳои Дадоҷои Раҷабӣ умуман соддаву равон ва фаҳмову дилкашанд. Аммо маҷмӯа аз баъзе нуқсонҳои ҷузъии забонӣ ва услубӣ низ холӣ нест.

Дадоҷон Раҷабӣ ҳанӯз ҷавон аст ва орзумандем, ки ӯ ба қаъри ҳаёти мардуми советӣ чун ғаввоси моҳир ғӯта мехӯрад, аз устодони забардасти насри бадеии классикӣ ва советӣ маҳорат меомӯзад ва

ба хонандагони худ асарҳои олимазмуну баландсифат пешкаш менамояд.

**Р. ҚУБОДИЁНӢ**